آواز تاجیک

*Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад*

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

19 марти соли 2025
Чоршанбе
№ 23
(15138)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

## АҲАМИЯТИ ГУСТАРИШИ ҲАМКОРИҲОИ ТИҶОРАТӢ-ИҚТИСОДӢ ВА САРМОЯГУЗОРӢ БО ИТТИҲОДИ АВРУПО ТАЪКИД ГАРДИД

**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев 18 март ҳайати намояндагонро таҳти сарварии Комиссари Иттиҳоди Аврупо оид ба ҳамкории байналмилалӣ Йозеф Сикела, ки бо сафари корӣ дар мамлакатамон қарор доранд, қабул кард.**



Масъалаҳои муҳими рушди минбаъдаи муносибатҳои бисёрҷанбаи байни Ўзбекистон ва Иттиҳоди Аврупо баррасӣ гардиданд.

Дар оғози суҳбат намояндаи олии Иттиҳоди Аврупо ба Сарвари давлат салом ва таманниёти беҳтарини Президенти комиссияи Аврупо Урсула фон дер Лейен ва раиси Шўрои Аврупо Антонио Костаро расонд.

Бо қаноатмандии зиёд зикр гардид, ки тайи солҳои охир ҳамкориҳои дуҷониба дар соҳаҳои сиёсӣ, тиҷоратӣ-иқтисодӣ, сармоягузорӣ ва фарҳангию гуманитарӣ босуръат рушд мекунанд.

Таъкид шуд, ки барои пайваста вусъат додани он имконият ва иқтидори калон мавҷуд аст.

Дар фурсати кўтоҳ имзо гардидани Созишномаи нав дар бораи шарикӣ ва ҳамкории густурда дар байни Ўзбекистон ва ИА низ барои ин мусоидат кард.

Таъкид гардид, ки аз пешбурди лоиҳаву барномаҳои муштарак дар соҳаҳои нақлиёту логистика, энергетика, рақамисозӣ, кишоварзӣ, хоҷагии об ва дигар самтҳои афзалиятнок ҳар ду ҷониб манфиатдор мебошанд.

Ба масъалаи роҳандозии ҳамкории амалии судманди байниҳамдигарӣ дар соҳаи коркарди захираҳои минералии ҳаётан муҳим диққати махсус дода шуд.

Дар вохўрӣ ҷанбаҳои ташкил ва баргузории нахустин нишасти «Осиёи Марказӣ – ИА» ва Форуми иқлимӣ, ки дар аввали моҳи апрели соли ҷорӣ дар шаҳри Самарқанд баргузор мегардад, баррасӣ шуд.

Оид ба масъалаҳои ҳамкории минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ низ табодули афкор сурат гирифт.

**ЎзА.**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.*

## МАСЪАЛАҲОИ МУБРАМИ ҲАМКОРИИ АМАЛӢ БАРРАСӢ ШУДАНД

***18 март Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев бо Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қосим-Ҷомарт Тоқаев мулоқоти телефонӣ анҷом дод.***

Сарони давлатҳо ҳамдигарро бо фарорасии ҷашни баҳор – Наврўз самимона табрик гуфта, ба халқҳои бародарии Ўзбекистону Қазоқистон осоиштагӣ, фаровонӣ ва шукуфоӣ орзу карданд.

Масъалаҳои мубрами рушд ва таҳкими минбаъдаи муносибатҳои шарикии стратегӣ ва ҳампаймонии Ўзбекистону Қазоқистон батафсил муҳокима гардиданд.

Аҳамияти андешидани чораҳои ҳамоҳангшуда бо мақсади пешбурди лоиҳаҳои ҳамкории амалӣ дар афзоиши тиҷорат, кооператсияи саноатӣ, нақлиёт, энергетика, кишоварзӣ ва дигар соҳаҳо, аз ҷумла дар сатҳи минтақавӣ қайд гардид.

Ба чорабиниҳои муштараки фарҳангию гуманитарие, ки имрўзҳо дар шаҳрҳои Қазоқистон баргузор мешаванд, баҳои баланд дода шуд.

Роҳбарон нақшаи чорабиниҳои сатҳи оливу баланди дуҷониба ва бисёрҷонибаи оянда, аз ҷумла омодагӣ ба нишастҳо дар формати «Осиёи Марказӣ плюс»-ро баррасӣ карданд.

**ЎзА.**

## РАФТИ ТАТБИҚИ ЛОИҲАҲОИ МУШТАРАК МУҲОКИМА ГАРДИД

***18 март Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев бо Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Садир Ҷапаров суҳбати телефонӣ анҷом дод.***

Роҳбарон ҳамдигарро бо фарорасии ҷашни эҳёву баҳорӣ - Наврўз самимона табрик гуфта, ба халқҳои бародар сулҳу оромӣ ва фаровонӣ орзу намуданд.

Сарвари Ўзбекистон ҳамчунин Президенти Қирғизистонро бо анҷоми муваффақонаи музокирот ва имзои созишнома оид ба делимитатсияи сарҳади давлатии Қирғизистону Тоҷикистон табрик кард.

Масъалаҳои татбиқи созишномаҳои сатҳи олӣ, пеш аз ҳама, лоиҳаҳои ҳамкории мутақобилан судманд дар соҳаҳои тиҷорат, кооператсияи саноат, логистика, энергетика, кишоварзӣ, сайёҳӣ ва дигар самтҳои афзалиятнок баррасӣ гардиданд.

Муҳимияти суръат бахшидан ба лоиҳаҳои бузурги минтақавӣ оид ба рушди инфрасохтори нақлиётӣ-транзитӣ ва энергетикӣ қайд гардид.

Роҳбарони Ўзбекистон ва Қирғизистон ба масъалаҳои омодагӣ ба мулоқоти сеҷонибаиояндаи сатҳи олӣ, инчунин нишасти «Осиёи Марказӣ – ИА» ва Форуми иқлим, ки дар шаҳри Самарқанд баргузор мешавад, таваҷҷуҳи хоса зоҳир карданд.

**ЎзА.**

## МАСЪАЛАҲОИ ГУСТАРИШИ ҲАМКОРИҲО БАРРАСӢ ШУДАНД

***Раиси Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ўзбекистон Танзила Норбоева бо узви Палатаи намояндагони Конгресси Иёлоти Муттаҳидаи Амрико хонум Керол Миллер мулоқот кард.***

Дар рафти суҳбат ислоҳоте, ки дар Ўзбекистон амалӣ мегарданд, тағйироти мусбат дар ҳаёти давлат ва ҷамъият, масъалаҳои рушди минбаъдаи ҳамкории стратегии Ўзбекистон ва ИМА муҳокима шуданд.

Дар вохўрӣ тавсеаи ҳамкории тиҷоратӣ-иқтисодӣ, табодули таҷриба дар соҳаи кишоварзӣ ва самтҳои истиқболноки татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ баррасӣ гардиданд. Инчунин, оид ба таҳкими ҳамкориҳо дар соҳаҳои саноати энергетика, таълим, тандурустӣ, таъмини ҳуқуқҳои зану духтарон ва баробарии гендерӣ табодули афкор намуданд.

Ҷонибҳо нақши муҳими дипломатияи парлумониро дар таҳкими равобити байни давлатҳо таъкид намуда, масъалаи таъсиси гурўҳҳои дўстӣ ва роҳандозии муколамаҳои байниминтақавиро баррасӣ карданд.

Дар анҷоми мулоқот ҷиҳати рушди минбаъдаи ҳамкории байнипарлумонӣ ва таҳкими робитаҳои дуҷониба тавофуқ ҳосил шуд.

**Н. АБДУРАИМОВА, мухбири ЎзА.**

## АҲАМИЯТИ ТЕЗОНДАНИ ЛОИҲАҲОИ МУШТАРАКИ ҲАМКОРӢ ТАЪКИД ГАРДИД

***18 март Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон суҳбати телефонӣ анҷом дод.***

Дар оғози суҳбат сарони давлатҳо якдигарро бо фарорасии ҷашни Наврўз самимона табрик гуфта, ба ҳамдигар саломатии мустаҳкам, шукуфоиву комёбиҳо ва барои халқҳои бародари ду кишвар сулҳу оромӣ ва фаровонӣ таманно намуданд.

Президенти мо ҳамчунин пешвои Тоҷикистонро бо анҷоми муваффақонаи музокирот ва имзои созишнома оид ба делимитатсияи сарҳади давлатии Тоҷикистону Қирғизистон табрик кард.

Ба масъалаҳои татбиқи созишнома ва тавофуқҳо, ки дар сатҳи олӣ қабул шудаанд, диққати махсус дода шуд.

Аҳамияти идомаи муколамаи фаъоли сиёсӣ, дастгирӣ ва пешбурди лоиҳаҳои ҳамкорӣ дар бахшҳои афзалиятноки иқтисодиёт, барномаҳои табодули фарҳангӣ, гуманитарӣ ва байниминтақавӣ қайд гардид.

Масъалаҳои омодагӣ ба мулоқоти сеҷониба, ки дар охири моҳи март дар Тоҷикистон баргузор мегардад ва нишастҳо дар доираи «Осиёи Марказӣ плюс», ки моҳҳои апрел-майи соли ҷорӣ дар мамлакатамон доир хоҳанд шуд, баррасӣ гардиданд.

**ЎзА.**

## МАСКАНҲОИ МЕРОСИ ФАРҲАНГИРО ҲИФЗ НАМОЕМ

***Алҳол дар зиёратгоҳҳои муқаддаси мамлакатамон ба мақсади эҳёи анъана ва арзишҳои миллӣ, бузургдошти хотираи гузаштагон ва рушди сайёҳӣ корҳои неки ободонӣ вусъат пайдо кардаанд. Солҳои охир дар кишвари мо муносибат ба арзишҳои миллӣ куллан тағйир ёфт. Садҳо масҷиду зиёратгоҳҳо имрўз ба масканҳои маънавияту маърифат табдил ёфтаанд.***

Дар ҷамъомаде Президент таъкид карда буд, ки «Агар ҷисми ҳаёти ҷамъият иқтисодиёт бошад, қалб ва рўҳи он маънавият аст». Дар ин боб чандин қарору фармоишҳо ба имзо расиданд.

Ҷонишини роҳбари Садорати мероси фарҳангии вилоят, роҳбари шуъбаи экспертизаи бадеӣ Латифа Аҳмадалиева дар ин бора маълумот дод.

– Ба мақсади ҳифзи мероси миллии фарҳангӣ ва иншооти моддию мадании вилоят, барои ба насли оянда чун мерос боқӣ гузоштани онҳо 274 мероси моддию маданӣ мавриди омўзиш қарор гирифтанд. Аз он 163 ададашон иншооти дараҷаи ҷумҳуриявӣ, 111 адад масканҳои маҳаллӣ мебошанд, – гуфт ў. – Дар шуъбаҳои экспертизаи бадеӣ назорати илмиву техникӣ, ривоҷи каталоги осорхонаҳо ва мувофиққунии тадқиқоти археологӣ аз ҷумлаи вазифаҳои асосии мо ба ҳисоб меравindependent.

Масъалаҳои инвентаризатсия ва бартарафсозии камбудиҳо мавриди муҳокима қарор гирифтанд.

Аммо дар соҳа мушкилоте низ ҳастанд, ки ҳаллу фасли худро интизоранд. Дар баъзе минтақаҳо ҷараёни таъмири иншооти маданӣ нисбатан суст аст. Роҳбарони минтақаҳо, раисону фаъолони маҳаллаҳо ба ин масъалаи муҳим аз паси панҷа нигоҳ мекунанд.

Яке аз чунин ҷойҳои муқаддас маскани маданиву таърихии деҳаи Варзик – «Сари қалъа» мебошад. Назар ба маълумот он таърихи чаҳорҳазорсола дорад. Вақтҳое буданд, ки қадамҷойи мазкур барои аҳли деҳа вазифаи сарпаноҳ аз душман, гармову сармои обу ҳаворо иҷро мекард. Ба гуфти калонсолон пештар дар ин ҷо мардум ҷашни Наврўзро пешвоз мегирифтаанд. Ҷавонон, бахусус домоду арўсон, ки ба ҳаёти мустақил қадам мегузоштанд, ба зиёрати он меомадаанд. Осорхонае, ки таърихи деҳаро инъикос мекард, низ дар аз ин ҷо ҷой гирифта буд. Хонандагони мактабҳои деҳа ба осорхона омада, бо таърихи деҳаи худ ошно мешуданд. Имрўз он ба хароба табдил ёфта, баъзе соҳибкорони маҳаллӣ гирду атрофашро азхуд намудаанд. Аз масъулони ноҳияи Чуст хоҳиш мекунем, ки ба ин масъала эътибори ҷиддӣ диҳанд ва онро ба таври мусбат ҳал намоянд, – иброз дошт Латифа Аҳмадалиева.

Аз мулоҳизаҳои болоӣ маълум шуд, ки дар вилоят ҳоло, баробари пешравӣ оид ба ҳифзи муқаддасоти таърихӣ, мушкилиҳо низ мавҷуданд.

Вақти он расидааст, ки камбудиҳои зиёратгоҳу мавзеъҳои муқаддас бартараф карда шаванд, мутасаддиён ба ин масъала бояд беэътибор набошанд.

**Шоҳида ДАМИНОВА, мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Намангон.**

## ПОРАШТ БОШАД МАКОНИ АҲЛИ ФАРҲАНГ

Хабари хуш зуд овоза мешавад. Пурсишнома, ки дар саҳифаи расмии рўзномаи «Овози тоҷик» дар телеграм бо мақсади муайян кардани мактаби фаъолу пешқадами вилояти Ҷиззах дар байни шаш мактаби тоҷикӣ гузаронида шуд, зуд дар саросари кўҳпоя доман паҳн кард. Бино ба натиҷаҳои ҷамъбаст, мактаби таълими умумии рақами 13-уми ноҳияи Фориш (директор Сарибой Ярашев) бо ҷамъ овардани 718 овоз ҷойи якумро ба даст овард. Дар пурсишнома, ки аз 8 феврал то 14 феврал идома ёфт, 1699 нафар овоз доданд.

Бо мақсади аз наздик шиносоӣ пайдо намудан бо вазъият ва ҳолати ин мактаб ба деҳаи Порашт роҳ пеш гирифтем. Роҳи мумфарши Нурато аз роҳи ҳудуди ноҳияи Фориш бамаротиб тафовут




дошт. Дар роҳи ҳудуди Нурато ҳам ронанда роҳат мебараду ҳам мусофирон. Роҳи Фориш, ки пур аз чуқуриҳои мумаш хестаи бо хок пургардонида аст, ронандаву ҳамсафаронашро нороҳат мекард. Ба замми ин, борон меборид ва он хок ба лой табдил ёфта, боз ҳам вазъияти ронандаро ногувор мекард. Ба деҳаи овозадори Порашт расидем. Ҳамон борон борида, аз омади фасли баҳор дарак медод. Дар деҳоти шафати кўҳпояи Нурато чӣ миқдор зиёд барфу борон борад, мардум ҳамон миқдор шод мегарданд. Зеро боришот манбаи об буда, фаслҳои тобистону тирамоҳ ба фаровонии маҳсулоти кишоварзӣ имкониятҳи мусоид фароҳам меорад.

(Давомаш дар саҳ.4).

# РУШДИ ХОҶАГИИ ҶАНГАЛ ВА ИМКОНИЯТҲОИ ОН

***Ҳамасола 21 март ҳамчун Рӯзи байналмилалии ҷангал таҷлил мешавад. Он бо қарори Ассамблеяи генералии Созмони Милали Муттаҳид 21 декабри соли 2012 таъсис дода шуда, ҳадафаш ҳифзи ҷангалзор аз нестшавӣ мебошад. Таҷлили Рӯзи байналмилалии ҷангал аз аҳамият ва мавқеи соҳа дар ҳаёти инсоният ва муҳиммияти он дар сайёра далолат аст.***

Дар баробари чолишҳои глобалӣ ба монанди тағйирёбии иқлим ва таназзули муҳити зист, ташаббусҳо назаррасанд. Дар ин маврид бояд гуфт, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон бахри ҳифз ва васеъ намудани масоҳати ҷангал тадбирҳои муассир меандешад. Аз ҷумла, қарори Президент аз 6 октябри соли 2020 «Консепсияи рушди хоҷагии ҷангали Ҷумҳурии Ӯзбекистон то соли 2030» қабул гардида, нақшаи чорабиниҳо оид ба амалисозии барномаи мазкур тасдиқ гардид. Консепсия ба ҳифз ва рушд бахшидан ба рушди ҷангали ҷумҳурӣ ва сиёсати устувори давлатро дар ин раванд муайян намудааст. Татбиқи амалии Консепсия имконоти мусоиди экологиро барои наслҳои оянда муҳайё намуда, бехатарии маҳсулоти хӯроквориро таъмин менамояд. Мақсад аз ин нигоҳдории гуногунии биологӣ, барқароркунӣ, зиёд намудани масоҳату маҳсулоти ҷангал, беҳтар намудани сифат ва миқдори хизматрасонии экосистемавии пешниҳодшаванда дар шароити тағйирёбии иқлим, мусоидат ба рушди иқтисодиёт, баланд бардоштани дараҷаи некӯаҳволии сокинон бо роҳи ҷалби онҳо ба пешбурди хоҷагии ҷангал, таъмини бозори дохилӣ бо маҳсулоти ҷангал ва содироти он ба хориҷи мамлакат мебошад.

Зимни татбиқи амалии Консепсия то соли 2030 натоиҷи зер дар назар аст: майдони замини ҷангалзорҳо ба 14 миллион гектар расонида мешавад, ки ин 32 фоизи масоҳати умумии ҳудуди ҷумҳуриро ташкил медиҳад. Ҳар сол 840 тонна тухмӣ рӯёнида, ғундошта мешавад. Соле 190 миллион ниҳол шинонида мешавад, ки аз он 30 959 ҳазор бехро ниҳоли тут ташкил медиҳад. Ҳар сол 3 500 гектар замин ҷангалпӯш карда мешавад.

Дар Ӯзбекистон ҷангал моликияти давлатӣ – сарвати миллӣ буда, аз ҷониби давлат ҳифз карда мешавад ва Фонди ягонаи давлатии ҷангал номида мешавад. Фонди давлатии ҷангал ба ҷангали дорои аҳамияти давлатӣ ва ҷангалҳое, ки дигар идораҳо ва шахсони ҳуқуқӣ истифода мебаранд, тақсим мешавад. Дарахту буттаҳои заминҳои кишоварзӣ, боғҳои гирду атрофи зироат, инчунин дигар дарахту бутта, дарахтзорҳои гирду атрофи қитъаҳои алоҳидаи роҳҳои оҳан, шоҳроҳҳо, каналҳо ва дигар объектҳои обӣ, дарахтони шаҳрҳо ва маҳалҳои аҳолинишин, инчунин ниҳолҳои барои кабудизоркунонӣ шинондашуда, дарахтони наздиҳавлӣ ва қитъаҳои боғдорӣ ба Фонди давлатии ҷангал дохил намешаванд. Фонди ҷангали ҷумҳурӣ аз ҷангалҳои кӯҳӣ, ҷангалҳои даштӣ ва ҷангалзорҳои ғафси теппаи қарокӯлӣ, ҷинғил ва ғайра иборатанд.

Масоҳати умумии Фонди ҷангал 8544,1 ҳазор гектар ё 20 фоизи масоҳати умумии ҷумҳуриро ташкил медод. Майдонҳои ҷангалзор 2391,4 ҳазор гектар, аз ҷумла ҷангалҳои сунъӣ 207,1 ҳазор гектар, ҷангалҳои ҷавон 152,9 ҳазор гектар, ҷангалҳои камёфт 247 ҳазор гектар, майдонҳои кушоди бедарахт 285,3 ҳазор гектарро ташкил медиҳанд.

Ӯзбекистон давлатест, ки майдони ками ҷангал дорад. Ба замми ин аз сабаби беназорат тараққӣ кардани чорводорӣ, зиёд шудани талабот ба чӯбу тахта, барои истифода дар соҳаҳои гуногуни саёҳат ва ҳамчун сӯзишворӣ дар деҳот, инчунин аз ҳисоби майдони фонди ҷангал васеъ намудани заминҳои обӣ майдони ҷангал кам шуд. Омили дигаре, ки боиси таназзули ҷангал гардидааст, тағйирёбии иқлим аст, ки боиси афзоиши сӯхтор, ҳамлаи ҳашароти зараррасон ва афзоиши бемориҳои дарахтон шудааст.

Дар Ӯзбекистон заминҳои фонди ҷангал сол аз сол васеъ мегардад. Дар ин бора директори Агентии хоҷагии ҷангал Низомиддин Бакиров дар ҷаласаи навбатии Палатаи қонунгузорӣ хабар дод. Гуфта мешавад, ки фонди ҷангал як миллион гектар зиёд шуда, дар ибтидои соли 2024 ба 11,9 миллион гектар расид. Ин рақам 26,4 фоизи тамоми замини ҷумҳуриро ташкил медиҳад.

Дар чаҳорчӯбаи лоиҳаи умумимиллии «Макони сабз» ниҳолҳои дарахту буттаҳо шинонда, 457 гектар «боғҳои сабз» бунёд карда шуданд. Шумораи иншоотҳои экологӣ дар заминҳои фонди ҷангал ба 280 адад, хатсайрҳои экологӣ ба 38 адад ва марказҳои сайёҳӣ ба 5 адад расидааст.

Қарори Девони Вазирон «Дар бораи рушди хоҷагии ҷангал дар вилояти Навоӣ» қабул шудааст. Мувофиқи қарор дар назди Кумитаи давлатии хоҷагии ҷангал дар хоҷагии ҷангали Нурато, дар назди Институти тадқиқоти илмии хоҷагии ҷангали ноҳияи Кармана Маркази илмии рушди хоҷагии ҷангал дар минтақаҳои биёбон таъсис дода шуд. Вазифаи асосӣ аз барпо намудани майдонҳои ниҳолҳои писта, бодом ва дигар растаниҳои шифобахш иборат аст. Мувофиқи ин қарор дар ҳудудҳои Синтаб ва Чуяи ноҳияи Нурато дар майдони 10 ҳазор гектар плантатсияҳои писта барпо карда мешавад.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**
*Вилояти НАВОӢ.*



*Қувасой минтақаи саноаташ рушдёфта ба шумор меравад. Маҳсулоти корхонаҳои истеҳсолие, ки дар ин ҷо фаъолият мебаранд, дар бозори дохилӣ ва берунӣ харидоргир мебошанд. Солҳои охир ба истеҳсоли маҳсулоти энергияи каммасраф эътибори калон дода мешавад. Хусусан, дар корхонаи «Blue Carbon», ки бо ҳамкории соҳибкорони хитоӣ дар фурсати кӯтоҳ сохта ба кор андохта шуд, чароғҳои панелии офтобии кӯчаҳо истеҳсол мегардад, ки ба бозорҳои мамлакатамон расонда дода мешавад. Мувофиқи маълумотҳо дар кӯчаҳои ҳудуди шаҳри Қувасой наздик ба 3 ҳазор чароғи панелии офтобӣ васл карда шудаанд, ки дар натиҷа, 860 миллион сӯмина неруи барқ сарфа шудааст.*

***Дар сурат:** дар корхонаи «Blue Carbon»-и шаҳри Қувасой.*

***Суратгир: М. ҚОДИРОВ. ЎзА.***

***Муовини Сарвазири Ӯзбекистон, раиси Кумитаи оила ва занону духтарон Зулайхо Маҳкамова дар ноҳияи Шаҳрисабз бо ҳаёти бархе аз оилаҳои камбизоат, аз ҷумла бонувони маълул шинос гардид.***

# ТАЛОШҲОИ СОҲИБКОРИ НОГИРО ДАСТГИРӢ ЁФТ

Дар ин дидору мулоқот ӯро сарвари Саридораи оила ва занону духтарони вилояти Қашқадарё Зиёда Аминова ва роҳбарони идораҳои дахлдори ноҳия ҳамроҳӣ доштанд. Меҳмон ба маҳаллаи «Мевазор»-и ноҳия омадаву аз ҳоли Фирӯза Бӯриева, як тан аз сокинони ин маҳалла, ки аз айёми тифлӣ ногиро аст, воқиф гашт. Ҳамчунин ба хонадони Матлуба Худойбердива ташриф оварда, бо мушкилоти ҳаёти ин бонуи маълул низ шинос гардид. Матлуба ҳарчанд чун маълул сабти ном гаштааст, аммо ба фарқ аз ҳамтоёни худ роҳи соҳибкориро пеш гирифта, рӯзгори худро обод месозад. Вай дар шуғли дӯхтани сӯзанӣ дасти баланде дорад ва ҳамин ҳунар ӯро дар маҳалли зисташ маъруф кардааст.

Матлуба сентябри соли 2024 муваффақ гашта буд, ки мактаби омода сохтани сӯзаниҳоро ифтитоҳ ва духтарони атрофро бо асрори ин ҳунари маъруфи бонувон шинос намояд. Дар ин мактаб ҳам меомӯзанд ва ҳам сӯзаниҳои зебое истеҳсол менамоянд.

Муовини Сарвазир зимни ин дидору мулоқот ба бонуи соҳибкор ваъда дод, ки дар роҳи васеъ сохтани коргоҳаш кумак хоҳад кард.

– Ҳаёти Матлуба барин бонувон, ки новобаста аз маҳдудияти имконоти ҷисмонӣ нотарсона барои ободии рӯзгори худ часпу талош меварзанд, намунаи ибрат аст, – гуфт ӯ.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик» дар вилояти Қашқадарё.**

# КИТОБ ВА ИНТЕРНЕТ: ДИРӮЗ, ИМРӮЗ ВА ФАРДО

***Дар тӯли таърих китоб манбаи асосии дониш ва фарҳанг буд. Он на танҳо барои интиқоли иттилоот хизмат мекард, балки инсонҳоро ба тафаккури амиқ ва таҳлилӣ ҳидоят менамуд. Бо пайдоиши Интернет, ҷаҳони иттилоот ба марҳилаи нав ворид гардид. Ҳоло бо як ангуштзанӣ метавон маълумоти лозимиро пайдо кард. Аммо саволе ба миён меояд: оё Интернет метавонад китобро иваз кунад? Ё шояд онҳо, яъне китоб ва Интернет якдигарро пурра кунанд?***

Дар гузашта китоб ягона манбаи дастрасӣ ба дониш буд. Ҳар як олим, муҳаққиқ ё шахсе, ки мехост соҳибилму соҳибдониш гардад, ё ҷаҳонро беҳтару бештар дарк кунад, мебоист китоб мутолиа намояд. Китобҳо бо таҳқиқи амиқ навишта мешуданд, муҳтавояшон ба далелҳои санҷидашуда асос меёфт ва эътимоднокиашон баланд буд. Чопи китобҳо барои интишори илм ва фарҳанг нақши бузург дошт ва инсонҳо барои дарёфти дониш китобхонаҳоро мавзеи асосии омӯзиш қарор медоданд.

Бо рушди Интернет дастрасии маълумот зиёд ва осон гардид. Акнун шахс метавонад дар чанд лаҳза маълумоти бисёреро пайдо кунад, дар маърӯзаҳои онлайн ширкат варзад ва ҳатто китобҳоро дар шакли рақамӣ бихонад. Вале Интернет низ мушкилоти худро дорад. На ҳар иттилооте, ки дар он ҷойгир шудааст, боэътимод аст. Ғайр аз ин, афзоиши иттилооти саросемавор ва зудтағйир боиси он мегардад, ки хонанда бештар ба мутоилаи маълумоти кӯтоҳ ва сатҳӣ одат кунад.

Аммо оянда чӣ гуна хоҳад буд? Оё Интернет китобҳоро комилан иваз мекунад? Эҳтимолан, не. Китоб ва Интернет на ҳамчун рақиб, балки чун ҳамсафарон амал хоҳанд кард. Китоб бинобар мазмун ва амиқии худ ба сифати манбаи боэътимоди дониш боқӣ мемонад, дар ҳоле ки Интернет барои зуд пайдо кардани маълумоти нав хидмат мекунад.

Фардои ҷаҳони ахбору иттилоот эҳтимолан дар муттаҳид сохтани ин ду восита хоҳад буд. Китобҳои электронӣ, аудиокитобҳо ва китобхонаҳои рақамӣ аллакай собит кардаанд, ки китоб ва Интернет метавонанд дар якҷоягӣ рушд кунанд. Яъне ҷойи он, ки Интернетро «душман»-и китоб ҳисоб кунем, баръакс бояд онро ба сифати як василаи дигари омӯзиш ва таҳлил истифода барем.

Мо бояд китобхон бошем, зеро китоб тафаккури амиқро ташаккул медиҳад, ба хулосабарорӣ ва таҳлили дуруст ёрӣ мерасонад. Ҳамзамон, мо бояд аз Интернет низ самаранок истифода барем, то дастрасии худро ба дониш бештар кунем. Танҳо дар чунин ҳолат мо метавонем на танҳо соҳиби иттилоот, балки соҳиби дониш ва хирад ҳам шавем.

Зеро бо вуҷуди он ки Интернет рушди босуръати худро идома медиҳад, он наметавонад пурра ҷойгузини китоб шавад. Интернет имконият медиҳад, ки иттилоот бо суръати баланд дастрас гардад, аммо мушкилоти вобаста ба боэътимодӣ ва сатҳӣ будани маълумот ҳамеша боқӣ мемонанд.

Дар оянда, эҳтимолан китоб ва Интернет ба ҳам бештар мувофиқ шаванд.

Онҳо новобаста аз тафриқае, ки доранд, метавонанд якҷо ба пешрафти маърифат ва дониш мусоидат намоянд.

**Оғабек МАҲМАДҚУЛОВ.**

# ЧАРО ОҚИЛ КУНАД КОРЕ, КИ БОЗ ОРАД ПУШАЙМОНӢ?

Пурсишномаи «Овози тоҷик» дар байни мактабҳои теъдоди донишомӯзонаш аз 700 нафар зиёди ноҳияи Сӯх собит намуд, ки маъмурият ва омӯзгорони бархе аз мактабҳои таълимоти умумӣ ҳанӯз аз хоби ғафлат бедор нашудаанд. Ба ин гурӯҳ мактабҳои рақами 18-ум (80 овоз), 4-ум (73 овоз), 5-ум (71 овоз), 2-юм (69 овоз), 7-ум (66 овоз) ва 21-ум (63 овоз) шомиланд, ки ҳатто аз уҳдаи ҷамъ кардани 100 овоз набаромадаанд.

Ёдовар мешавем, ки дар пурсишнома маъмурият ва ҷамоаҳои омӯзгории ду муассиса – мактабҳои таълимоти умумии рақами 11 ва 14-уми ноҳия нисбат ба ҷамоаҳои дигар фаъолнокӣ нишон доданд ва ҷойҳои якум ва дуюмро ишғол намуданд. Аммо далели бархӯрди «сараму дилам»-и ҷамоаҳои омӯзгорӣ дар чӣ бошад? Чаро азму иродаи мардуми шӯҳратбори кӯҳистони ноҳияи Шаҳрисабзи вилояти Қашқадарёро мояи ибрат қарор надоданд?

Дар мавсими обунаи «Овози тоҷик», ки ҳар сол моҳҳои сентябр-декабрро дар бар мегирад, аксарияти ҳамсуҳбатони мо баланд будани нархи обунаро баҳона карданд ва худро канор кашиданд. Кормандони таҳририяти «Овози тоҷик»-ро ба чунин хулоса овард, ки муштариён аз хоби ғафлат бедор шаванд ва ҳадди ақалл ба шакли электронии он худро номнавис кунанд.

Роҷеъ ба кору фаъолияти ғолиби пурсишнома – мактаби рақами 11-ум гузориш интишор намудем. Дар пайи сафар ба ноҳия бо ҷамоаи омӯзгорони мактаби рақами 14-ум низ суҳбат анҷом додем. Он хеле самимӣ буд. Вақте ки ба директори он – Садриддин Абдураҳмонов дипломи дараҷаи 2-юм ва туҳфаҳои рамзии таҳририяти «Овози тоҷик» тақдим гардид, иброз дошт, ки агар дар ихтиёрашон боз чанд соат медоштанд, дар пурсишнома ҳатман ҷойи аввалро ишғол мекарданд ва барои диплому туҳфаҳои рамзӣ ибрози сипос намуд. Вай гуфт, ки минбаъд робита бо «Овози тоҷик»-ро мустаҳкам мекунанд ва дар пурсишномаҳои баъдӣ боз ҳам фаъолтар ширкат менамоянд.

Тасмим гирифтем, ки ҳини сафар аз мактаби таҳсилоти умумии рақами 7-ум низ боздид намоем. Ҷамоаи ин мактаб бо ҷамъоварии танҳо 66 овоз иктифо намудаву яке аз ҷойҳои охирро касб кард. Ин дар ҳолест, ки мактаб яке аз куҳантарин муассисаҳои таълими миёнаи ноҳия маҳсуб меёбад ва ҳанӯз соли 30-юми асри гузашта ба фаъолият оғоз намудааст.

Як идда фориғуттаҳсилони он соҳиби унвонҳои илмӣ мебошанд ва қисмати дигар бо меҳнати пурсамар эҳтироми мардумро сазовор гаштаанд. Аз ҷумла, устоди Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров Усто Ҷаҳонов, профессор Юсуф Додобоев, Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон Бегалӣ Болтаев, устоди Донишкадаи давлатии бемориҳои бачагонаи Тошканд Баҳодур Одилов, Муаллими халқии Иттиҳоди шӯравӣ Обидхӯҷа Иброҳимов, кардиолог Маъруф Эгамов, нависанда Абдураҳими Беҳбуд, собиқ мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Фарғона Каримҷон Муҳиддинов, роҳбари студияи телевизиони ноҳия Фарҳод Миршарипов, журналист, фаъоли ҷамъиятӣ Камолиддин Азизов ва боз чанд тани дигар маҳз аз ҳамин шумор мебошанд.

– Чӣ иттифоқе афтод, ки мактаби собиқадору номдори ноҳия дар пурсишномаи «Овози тоҷик» фаъолияти хуб нишон надод? – пурсидам аз директори он Раҳматҷон Ҳайдаров.

– Ҳақиқатан мо ба ин пурсишнома ба таври бояду шояд таваҷҷуҳ зоҳир накардем. Чунин пурсишнома бори нахуст дар байни мактабҳои ноҳия ба вуқӯъ пайваст. Дар ин бора бо корманди рӯзнома низ бевосита суҳбат доштам. Аммо ба гумони банда агар дар раванди овоздиҳӣ ҷамоаи омӯзгорони мактаб ҷалб карда шаванд, кифоя хоҳад буд, – изҳор намуд Р. Ҳайдаров.

– Мактаби рақами 7-ум ҳамеша дар сафи мактабҳои пешқадами ноҳия қарор дорад. Шумораи шогирдонаш, ки баъди хатми мактаб дар донишгоҳҳои гуногун таҳсил мекунанд, сол аз сол меафзояд, аммо дар пурсишнома яке аз ҷойҳои охирро ишғол кардани чунин мактаби номдор бахшиданӣ нест, – ба суҳбат пайваст раиси ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Мӯлгон Додокарим Валиев.

Бо роҳбаладии муовини директор оид ба корҳои маънавият ва маърифат Вафодор Раҳбариддинов аввал вориди ҳуҷраи маънавият ва маърифат шудем. Дар як гӯшаи он бастаи рӯзномаҳо чида шудаанд. Аммо ягон лавҳае дар ин мактаб ба забони тоҷикӣ ба назар намерасид.

– Чаро ҳеҷ нусхаи тоҷикии лавҳаҳоро ин ҷо намебинем? – пурсидам аз роҳбаладии худ.

– Тамоми маводи таблиғотӣ бо супориши садорати таълими халқи вилоят тайёр карда шудааст ва худи садорат ба мактабҳои таҳсилоти умумӣ намунаҳои онро ирсол кардааст. Ба ҳамин далел мо то дастрас намудани нусхаҳои тоҷикии он аз намунаи дигари онҳо истифода намудем. Аммо бархе аз лавҳаҳои ин ҳуҷраро ба забони тоҷикӣ иваз хоҳем кард, – посух дод В. Раҳбариддинов.

Мулоқот дар хонаи муаллимон масъалаҳои беҳбуди кор дар соҳаи таълиму тарбияро дар меҳвари худ қарор дод. Омӯзгорон эътироф намуданд, ки гузаронидани пурсишномаи «Овози тоҷик» дар беҳбуди кори таълиму тарбия дар мактабҳои таълимашон тоҷикӣ омили муҳим мебошад, зеро барои ошкор намудани як қатор мушкилоти мактаб ва роҳҳои ҳалли он мусоидат хоҳад кард.

Омӯзгори собиқадори фанни забони модарии мактаб Муйдин Тошбоев гуфт, ки як ҷузъи кори омӯзгори забони модариро диктант ташкил медиҳад. Барои ҳамин вай бо дарки эҳтиёҷ китобчаи «Маҷмӯаи диктантҳо»-ро таълиф намудааст, аммо дар чопи он мушкилоти молӣ мекашад. Ба гуфтаи Муйдин Тошбоев, агар ин китобча чоп шавад, омӯзгорони забони модарии мактабҳои ноҳия ва берун аз он истифода хоҳанд кард.

Аз суҳбат бо омӯзгорони ин мактаб аён шуд, ки набудани тестҳои имтиҳони дохилшавӣ ба забони тоҷикӣ ҳанӯз муаммои сарбастаеро ташкил медиҳад. Гуфта шуд, ки аттестатсияи муаллимон танҳо ба забонҳои ӯзбекӣ, русӣ ва қазоқӣ мегузарад. Ин ҳол омӯзгорони мактабҳои тоҷикиро ба мушкилоти забонӣ мувоҷеҳ менамояд. Дар мулоқот оид ба дарозии матни ҳикояҳои китоби адабиёти синфи VII низ ибрози ақида сурат гирифт. Гуфта шуд, ки дар як соати дарс омӯзгор наметавонад мавзӯъро пурра фаро гирад.

– Мактаби мо то ҳол бо китобҳои дарсӣ пурра таъмин нашудааст. Омӯзгорони баъзе фанҳо аз нусхаҳои ӯзбекии китобҳои дарсӣ истифода мебаранд. Гузашта аз ин, дар тарҷумаи китобҳои фанни физика ва механика нуқсонҳои ҷиддӣ мушоҳида мешаванд. Ҳатто баъзе қонунҳои Исаак Нютон сарфи назар шудааст, ки таълими он ҷойгоҳи хосеро ташкил менамояд. Ин магар натиҷаи бемасъулиятӣ ва саҳлангориҳои дастандаркорони чопи китобҳои дарсии тоҷикӣ намебошад? – гуфт муаллими фанни физика ва механика Икромҷон Қашамов.

Вақте вориди чанд синфхона шудем, донишомӯзони зиёд аз фанҳои гуногун дониши хуби худро намоиш доданд. Хусусан, аз қироати шеър дар бораи Ватан-Модар, истиқлол, табиати зебои диёр, одамони маъруфи маҳал ва амсоли он табъи мо болида гардид.

– Донишомӯзони мактабамон дар озмунҳои фаннии ноҳиявӣ ва вилоятӣ фаъолона ширкат карда, ҷойҳои ифтихориро ба даст меоранд. Сарварбек Абдуназаров аз забони англисӣ (синфи IX), Маҳтоба Раҳбаралиева аз забони тоҷикӣ, Гуласал Бурҳонова аз фанни ҳуқуқ ва Додохон Муллоев аз забони ӯзбекӣ (синфи X), Файзиддин Шералиев аз фанни таърих ва Маҳбубахон Раҳимова аз фанни забони русӣ (синфи XI) ифтихори мактаби моянд, – мегӯяд ҷонишини директор В. Раҳбариддинов.

Вақти он расидааст, ки аҳли зиё, хосатан омӯзгорон ҳуввияти миллии худро аз даст надиҳанд. Ҳоло, дар замони касби истиқлол Қонуни асосӣ барои тоҷикони кишвар тамоми шароитро фароҳам овардааст. Барои ҳамин ҷиҳати дастгирии минбари ягонаи худ – «Овози тоҷик» чи аз тариқи обуна ба он ва чи аз тариқи номнавис кардани худ ё «подписка» дар шабакаҳои иҷтимоӣ ҳар тоҷик бояд ҷиддан иқдом намояд. Беҳуда нагуфтаанд: «Чаро оқил кунад коре, ки боз орад пушаймонӣ?»

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири Овози тоҷик».**
*Вилояти ФАРҒОНА.*



*Бо мақсади таъмини шуғл ва рушди соҳаи харгӯшпарварӣ дар байни ҷавонон дар ноҳияи Тахиатоши Ҷумҳурии Қароқалпоқистон семинар-намоишгоҳ ташкил карда шуд.*

*Дар чаҳорчӯби семинар ба 30 нафар ҷавони бекори ноҳия дар асоси субсидия 330 сар харгӯши зотдор супурда шуда, илова бар ин, барои харгӯшҳо катакҳои махсус ва маҳсулоти озуқаворииякмоҳа дода шуд. Дар семинар ба ҷавонон аз ҷониби мутахассисони ботаҷриба оиди парвариш ва нигоҳубини харгӯшҳо маслиҳатҳои дахлдор роҳандозӣ гардид. Ҷавонон ба саволҳои худ ҷавобҳои муносиб гирифтанд.*

***Дар сурат:** лавҳа аз семинар.*

***Суратгир: М. ҲАБИБУЛЛОЕВ. ЎзА.***

*Дар арзҳои дӯстӣ*

# ҲАМКОРӢ БЕШТАР ГУСТАРИШ ХОҲАД ЁФТ

***Ба муносибати сафари давлатии Президент Шавкат Мирзиёев ба Фаронса риштаи дӯстӣ ва ҳамкорӣ бо ин кишвар боз ҳам мустаҳкам мегардад.***

Бояд гуфт, ки соли 1998 Самарқанд ва Лион (Фаронса) бародаршаҳр шуда буданд. Ҳоло бошад, байни шаҳрҳои Самарқанд ва Ниссаи Фаронса ҳамкории судбахш оғоз гардида, фаъолияти пурсамаронаи соҳибкорону ҳунармандон ривоҷу равнақ меёбад. Имрӯзҳо дар Самарқанд ду корхонаи муштараки Ӯзбекистон – Фаронса арзи вуҷуд дошта, гардиши маҳсулотҳои тарафайн 15,4 миллион доллари амрикоиро ташкил медиҳад.

Оғози моҳи ноябри соли 2023 Президенти Ҷумҳурии Фаронса Эммануэл Макрон ба Самарқанд ташриф оварда, шуъбаи давлати худро кушода буд.

Боиси хушнудист, ки дар Донишгоҳи давлатии забонҳои хориҷии Самарқанд факултаи филология, дар Донишгоҳи байналхалқии «Роҳи бузурги абрешим» низ кафедраи забони фаронсавӣ амал мекунанд, ки талабагон забони Александр Дюма, Жюл Верн, Виктор Гюго ва Балзакро ҳаматарафа меомӯзанд.

– Мо дар шаҳри Париж дар анҷумани бошукӯҳи фарҳангӣ ширкат варзида, барои ҳамкорӣ бо чанд мактаби олии ин мамлакат шартнома бастем, – иброз дошт ректори Донишгоҳи давлатии забонҳои хориҷии Самарқанд, профессор Баҳодур Холиқов, – дар асоси он талабагон ва муаллимони ду кишвар таҷрибаомӯзӣ мекунанд. Умедворӣ дорем, ки минбаъд низ ҳамкорӣ густариш хоҳад ёфт.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА.**
*Вилояти САМАРҚАНД.*

*20 март – Рӯзи байналмилалии хушбахтӣ*

# ХУШБАХТӢ ДАР ОН АСТ, КИ...

***Хушбахтиро баъзеҳо дар пулу мол, давлату сарват медонанд. Вале он бинобар доштани сарвату пул нест, балки дар ҳурмату эҳтироми якдигарист. Хушбахтии ҳақиқӣ ҳаловати ҳамарӯза аст.***

***Дар ин бора фикру мулоҳизаҳои ҳамдиёронеро, ки дар соҳаҳои гуногун фаъолият мебаранд, пурсон шудем.***

**Ойшахон ФАЁЗОВА – модари чемпиони ҷаҳон Муродҷон Аҳмадалиев:**

– Доштани ҳамсари хуб, хонаи хуб, кори хуб, фарзандони хуб... хушбахтист. Ман аз он хушбахтам, ки модари чемпиони ҷаҳон ҳастам.

Муродҷон дар оила фарзанди аз ҳама хурдӣ аст. Ӯ бисёр вақт дар хориҷа мебошад. Албатта, ман ҳамеша ёду фикри ӯро мекунам, пазмон мешавам. Дар вақти мусобиқаҳо, ба гуфти ҳамсарам, ман бисёртар аз бобати писарам беором мешавам. Мехоҳам писарам мушт «нахӯрад» ва ба рақибаш низ озор надиҳад. Зеро ман модар ҳастам ва ҳарифи писарам низ ман барин модар дорад. Барои ин аз падари фарзандонам бисёр гап мешунавам...

Ҳамаи духтарону писаронам дар ҳаёт ҷойи муносиби худро доранд. Оилаҳояшон орому осуда, соҳиби касбу кор мебошанд. Набераҳо низ фаъоланд. Онҳо хубу хотирҷамъ бошанд, ин хушбахтии мост. Яъне хушбахтӣ дар амониву осудагист.

**Одилҷон КАРИМОВ – кордсоз:**

– Хушбахтӣ ин амалӣ шудани орзуҳост. Барои ин ҳар инсон бояд ҳаракат кунад. Яъне хушбахтии инсон дар дасти худи ӯст. Соҳиби касби дӯстдоштаи худ шудан, ба халқ хидмат кардан, рӯзгори пурбарокат доштан...

Шукр, ки ман аз ҳунари интихобкардаам кам нашудам. Дар ёд дорам, бачаи хурд будаму бобоям ва падарам то нисфи шаб бо кордсозӣ машғул мешуданд. Дукони кордсозӣ надоштанд, ҳамаи корҳои амалӣ дар хона, дастӣ иҷро мешуд. Ҷараёни кор ниҳоят душвор буд. Мо дар оила 4 нафар додарон дар паҳлӯйи падар истода ин ҳунарро аз худ кардаем. Ҳоло ҳар кадом дукони худро дорем. Маҳсулоти тайёршударо нафақат дар бозорҳои маҳаллӣ, балки ба давлатҳои хориҷӣ мефурӯшем. Харидорон аз кишварҳои гуногун низ ба маҳсулоти мо иштиёқи баланд доранд.

**Санобар ТОҶИБОЕВА– соҳибкори пешқадам, роҳбари корхонаи «Чуст Ӯктамҷон сервис», соҳиби ордени «Дӯстлик»:**

– Хушбахтӣ – барои модар ин аввало осудагии оила. Хонавода осуда бошад, хотирҷамъӣ низ мешавад. Шукр, ҳамсарам корманди корҳои дохилӣ, ҳаёт ва зиндагиро хуб таҳлил мекунанд. Он кас, алҳол, мададгори ман ҳастанд.

Пештар дар мактаби миёна омӯзгор будам. Пас аз он ки Президентамон барои соҳибкорӣ роҳ кушоданд, ба соҳибкорӣ шурӯъ намудам. Зеро падарам, ки як умр дар фабрикаи дӯзандагӣ кор кардаанд, орзу доштанд, баъди нафақа як устохона барпо кунанду фаъолияти хусусиро ба роҳ монанд. Мутаассифона, ин рӯзҳо ба падарам насиб накард. 10 сол пеш бо 5-6 мошини дарздӯзӣ ва 6 нафар дӯзанда корро сар кардем. Ҳоло шумораи онҳо ба 350 нафар расид. Аз он хушбахтам, ки коргарон аз корашон мамнун, оилаашон осуда, хотирашон ҷамъ аст. Боз аз он хушҳолам, ки орзуи падарамро ба амал баровардам, барои ҳамин корхона ба хотири падар номи ӯро дорад. Маҳсулоти истеҳсолкардаамонро нафақат дар бозори маҳаллӣ мефурӯшем, ҳатто ба давлатҳои хориҷӣ низ экспорт мекунем. Орзуям ҷомаи амал пӯшид, ана ҳамин барои ман хушбахтист. Чанд рӯз пеш аз дасти Сарвари давлатамон мукофоти олӣ – ордени «Дӯстлик»-ро гирифтам, ин боз як хушбахтӣ буд, ки бовари маро ба пешравӣ зиёд кард.

**Аббосхон ПОЛВОНОВ – соҳибкори ҷавон, дорандаи нишони сарисинагии «Келажак бунёдкори»:**

– Ман хушбахттарини хушбахтон ҳастам. Чунки дар диёри офтобрӯ – Ӯзбекистон зиндагӣ мекунам, фарзанди оилаи одии деҳаи Чодаки кӯҳистонам. Дар соҳаи бофандагӣ корхона ташкил намуда, якчанд занону духтарони деҳаро бо кор таъмин кардам. Бинобар деҳаи сайёҳӣ гардидани Чодак меҳмонхонаи хонагӣ низ ташкил намудам. Дар хидмати халқ будан, ба одамон бо кори фоиданок суду сабукӣ овардан барои ман хушбахтист. Дар овони бачагӣ бисёр душвориҳо кашида будем. Падарам моро танҳо бо маошу даромади касби сартарошӣ хонондаву пӯшонда буданд. Имрӯз дар рӯзгор камӣ надорем, ҳамааш муҳайё. Хушбахтам, ки падару модарам зиндаву саломат маслиҳатгару дуогӯйи мо – фарзандон мебошанд.

Мусоҳиб

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

*Вилояти НАМАНГОН.*



# НАВРӮЗ, ХУШ ОМАДӢ!

***Баъди зимистони тӯлонӣ фарорасии фасли баҳору Наврӯзи фархунда ба дили хурду бузург шодиву сурур, завқу хурсандӣ мебахшад. Замину осмон сабзапӯшу гулпӯш гардида, насими муаттари рӯҳафзо гӯё олами куҳанро ба наварӯси зебо ва пурҷозиба табдил медиҳад. Чӣ хуш, ки ин ҷашни қадимии аҷдодии мо, маросими дилкаши мардумамон ҳоло ба Иди байналмилалии ҷаҳон бадал ёфта, дар дилҳо эҳсоси ифтихору ғурур меангезад. Дар мамлакат чун анъана барои табъи дил пешвозгирии ин ҷашни умумихалқӣ ҷараёнҳои омодагӣ кайҳо оғоз ёфтаанд. Аз ҷумла дар сарзамини бостонии Вардонзе – ноҳияи Шофиркони вилояти Бухоро бобати хуб истиқбол гирифтану дилкаш ва рӯҳафзо гузаронидани Наврӯз чораю тадбирҳо андешида мешаванд. Мо бо ҳокими ноҳия Алишер ФАЙЗУЛЛОЕВ дар ин мавзӯъ суҳбат кардем.***

– Ба мақсади таъмин намудани иҷрои Қарори Президент аз 21 феврали соли ҷорӣ «Дар бораи омодагӣ ва баргузории ҷашни умумиҷаҳонии Наврӯз дар соли 2025» якҷо бо ташкилотҳои ҳамкор 5-25-уми март дар тамоми маҳаллаҳои ноҳия таҳти шиори «Арзишҳоят поянда бод, Наврӯз!» тадбирҳои тарғиботии маданию маърифатӣ амалӣ мешаванд.

Барномаҳои консертии шуъбаи фарҳанги ноҳия дар варзишгоҳи марказии ноҳия, иштироки маҳаллаҳо дар намоиши «Ҷилои кашидадӯзӣ», озмунҳо бинобар бозиҳои гуногуни миллӣ ва «Таомҳои миллӣ» баргузор шуданд.

Ба мақсади дар байни ҷавонон тарғиб кардани расму оинҳои миллӣ намоиши «Либосҳои миллӣ» сурат гирифт.

Таҳти шиори «Мадҳи Наврӯз» 10-17 март озмуни шеъру ҳунарҳои тасвирӣ ба амал омад.

Шуъбаи ноҳиявии Агентии кор бо ҷавонон якҷо бо ташкилоти ҳамкор байни ҷавонон ба мақсади тарғибу ташвиқи расму оин ва арзишҳои миллӣ 18 март дар варзишгоҳи марказии ноҳия мусобиқаи бодбаракпаронӣ – «Варрак-шоу»-ро созмон дод.

Дар бахши ноҳиявии Маркази маънавият ва маърифат бо иштироки кормандони бонкҳои тиҷоратӣ ва ҷавононе, ки соҳибкор шудан мехоҳанд, мулоқот баргузор шуд.

Дар мактаби рақами 33-юми ҳудуди ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Чуқураки Поён» мусобиқаҳои варзиши сабук, дар маҷмӯи варзишии «Ревгар»-и ҷамоати шаҳрвандони «Бобур» қувваозмоиҳои ноҳиявии футбол, мусобиқаҳои тӯби дастӣ барои «Ҷоми Наврӯз», марафони пойга – «Нафаси нав» баргузор гардиданд.

Дар тамоми маҳаллаҳо бо иштироки кормандони масъули шуъбаи оила ва занону духтарон, инчунин бахши ноҳиявии Маркази маънавият ва маърифат сайри суманак, омодасозии таомҳои наврӯзӣ гузаронда шуд.

Аз фурсат истифода бурда, ҳамдиёрони азизро бо фарорасии Иди фараҳбахш – Наврӯзи ҷаҳонӣ табрику муборакбод менамоям.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

# ИСТИҚБОЛИ «ТАЪЛИМИ ИНКЛЮЗИВ»

Хонандаи синфи 9-уми мактаби таълими ҳамагонии рақами 66-уми ноҳияи Ҷарқӯрғони вилояти Сурхондарё Фирӯза Ҷумъақулова бо тақозои тақдир имконияташ маҳдуд буда, ҳаракат карда наметавонад. Вале дар хондану омӯхтан дар сафи ҳамсинфон ҷой дорад.

Духтарак чанде пеш дар асоси таълими инфиродӣ дарс меомӯхт, акнун ду моҳ боз бино ба барномаи «Таълими инклюзив» дар мактаб бо ҳамсинфони худ мехонад. Модари Фирӯза мегӯяд, ки «Таълими инклюзив» барои духтараш имконияти васеъ фароҳам овард, ин ҷараён муносибати духтаракро ба ҳаёт дигаргун намуда, ба сӯйи орзуҳои ширин роҳнамун месозад.



***Дар сурат:** дар мактаби таълими умумии рақами 66-уми ноҳияи Ҷарқӯрғони вилояти Сурхондарё.*

***Суратгир: Ҷ. ҚӮЗИМУРОДОВ. ӮзА.***

*Наврӯз шуд*

# ҶАШНИ ШОДИВУ СУРУР

Ҷашни Наврӯз аз ҷумлаи идҳои хеле зебо ва пурмазмуни мардумони Осиёи Марказӣ ва берун аз он ба шумор меравад. Онро бо номҳои гуногун: Иди Наврӯз, Ҷашни Баҳор, Наврӯзи Ҷалолӣ, Наврӯзи Ҷамшедӣ ва ғайра ба забон мегиранд. Ин ҷашн аз қабили идҳои хеле қадимтарини миллӣ ба шумор меравад.

Дар бораи Наврӯз ва таърихи он фикру ақидаҳои зиёд мавҷуданд ва он ҳама шукӯҳи ин ҷашнро боз ҳам баланд месозанд. Албатта, афкореро, ки дар бораи Наврӯз гуфта шудаанд, метавон ба ду гурӯҳ ҷудо намуд, ки яке аз он ривоятӣ ва дигаре ҳақиқатанд, ки Наврӯзро асрҳои аср ба дӯстдоштатарин ҷашни миллӣ табдил додаанд.

Мардум онро бо як олам орзуву умед интизорӣ мекашанд, либосҳои нав медӯзанд, ҳар гуна таомҳо мепазанд, қаҳруситеза ба меҳру ҳамдигарфаҳмӣ мубаддал мешаванд. Яъне беҳтарин рӯз ва рӯзгоре, ки мардум орзу мекарданд, ба таъбири Фирдавсӣ, рӯзгори наврӯзӣ будааст:

*Бар ҳар кор бахти ту пирӯз бод,*
*Ҳама рӯзгори ту Наврӯз бод.*

* * *

*Ҳамасола бахти ту пирӯз бод,*
*Шабони сияҳ бар ту Наврӯз бод.*



Мо медонем, ки дар гузашта ҷашнҳои Меҳргон, Тиргон ва Сада низ дар байни мардум аз ҷумлаи идҳои миллӣ ба шумор мерафтанд. Аммо бо гузашти айём ин ҷашнҳо равнақи худро қариб, ки аз даст доданд, аммо Наврӯз бошукӯҳтар гардид.

Наврӯз аввали рӯзи моҳи соли хуршедӣ (оғози Фарвардин ё Ҳамал) аст. Рӯзест, ки дар он рӯзу шаб баробар мешаванд.

Наврӯз, баробари оғози соли нав будан, шурӯъи фасли баҳор низ ҳаст. Мутобиқи тақвими Ҷалолӣ (ин тақвим дар расадхонае, ки бо корбарии олимони илми нуҷум, ки дар он Умари Хайём низ иштирок ва роҳбарӣ намудааст, тартиб дода шуда буд) Наврӯз дақиқан оғози сол аст, ки 365-рӯзу 5-соату 48-дақиқаву 64-сонияро дар бар гирифта, агарчи дар саросари олам паҳн нашуд, илмитарин ва дақиқтарин тақвим аст.

Гиромидошти Наврӯз асосан ба далели фоли нек пиндоштани ин рӯз будааст. Бузургон овардаанд, ки онро метавон кашфиёт ҳисобид.

Тавре Берунӣ дар асари худ «Осор-ул-боқия» қайд мекунад: чун Сулаймон бинни Довуд ангуштарии худро гум кард, салтанат аз дасти ӯ рафт. Вале пас аз чил рӯз бори дигар ангуштарии худро биёфт ва подшоҳию фармондеҳӣ боз ба ӯ баргашт. Эрониён гуфтанд: «Наврӯз омад!» Яъне рӯзи тоза биёмад. «Ва Сулаймон бодро амр кард, ки ӯро бардорад. Ва парастуе дар пеши рӯйи ӯ пайдо шуд, мегуфт: «Эй подшоҳ, маро ошёнест, ки чанд тухм дар он аст, онсӯтар рав, ки ошёни маро дарҳам нашканӣ». Сулаймон роҳи худро дигар кард. Ва чун аз тахти худ, ки бар бод ҳаракат мекард, фуруд омад, парасту бо минқори хеш қадре об оварду ба рӯйи Сулаймон пошид ва як рони малахро низ ҳадя овард». (Осор-ул-боқия, саҳ 232). Аз ин ҷост, ки мардум дар Наврӯз ба якдигар об мепошанд ва бахшишу ҳадяҳо мефиристанд.

Мардум ин рӯзро «рӯзи умед» низ ном ниҳоданд. Дар «Бурҳони қотеъ» қайд мегардад, ки Худованд ҷаҳонро дар Наврӯз офарид. Дар «Шоҳнома» бошад, омадааст; бузургон Наврӯзро муқаддас ва соҳибэҳтиром меҳисобиданд ва ба он савганд мехӯрданд.

*Ба Яздон, ба номи ту,*
*эй шаҳриёр,*
*Ба Наврӯзу Меҳру*
*ба хуррам Баҳор.*

Алқисса, Наврӯз ҳам бо мазмунҳои ривоятӣ ва ҳам бо муҳтавои воқеъии хеш дар ҳаёти мардуми мо нақши муҳим дорад.

**Рамазон АБДУЛЛОЕВ,**
**дотсенти Донишгоҳи**
**давлатии Тирмиз,**
**раиси Маркази милливу**
**мадании тоҷикони Сурхондарё.**

# СӮХ – РАМЗИ ИРОДА ВА ТАЪРИХИ ЯК ХАЛҚ

*(Ёди он рӯзҳо)*

Ҳар як инсони фаъолу ҷӯянда дар зиндагӣ роҳеро интихоб мекунад ва онро бо садоқат мепаймояд. Аз роҳи тайкардаамон низ маълум аст, ки барои пешрафти зиндагӣ заҳмати зиёд кашида, соҳибкасб шуда, таҷрибаи ғанӣ андӯхта ва имрӯз ҳам дар касби худ мақоме дорем.

Аммо дар ин ҳама андешаҳою хотироти талху ширин суоле ногузир ба миён меояд: аз ҳамаи ин талош, ранҷу заҳмат, ки бешак ба нафъи худ равона шуда буд, ба ҷамъияти маҳаллӣ, ба ҳамон Сӯхе, ки орзуи ободиву рушди онро дорад, чӣ савобе расид?

Шояд замоне барои онҳое, ки баъд аз мо меоянд, барои насли нав, барои худи мардуми одӣ низ чизе мондан лозим буд? Шахсиятро бо мақом не, бо манфиатрасонӣ ба дигарон месанҷанд.

Боқӣ, мо ҳамеша эҳтиром дорем ба ҳар касе, ки бо нияти нек, муҳаббат ва ҳисси баланди ватандорӣ Сӯхро ба забон меорад. Худо кунад, ҳарфи некамон рӯзе ба амали нек табдил ёбад.

27 феврали соли 1990 ноҳияи Сӯх расман мустақил гардид.

Аммо роҳи расидан ба ин ҳадаф ҳамвор набуд. Вақте ки бо ҳамроҳонам муроҷиатномаро омода сохтем, онро ба яке аз шахсони номдорамон нишон додам. Бо табассуми нобоварона тоқии худро аз сар гирифт ва гуфт: «Сӯх мустақил мешавад?» Ман он лаҳза худро нотавон эҳсос кардам, аммо фикрамро тағйир надодам. Ба шахси дигар муроҷиат кардам, ки танҳо бо саросемагӣ гуфт: «Кори хуб, ман тарафдор!»

Аҷиб он буд, ки баъди таъсиси ноҳия, ҳамон бародарони шак оварда дар сафи роҳбарони аввалин ҷой гирифтанд.

Барои иштирокам дар таҳияи муроҷиатнома, маро ба таъқиб гирифтанд. Боре ба маркази вилоят даъват карданд ва дар идораи амният мавриди бозпурсӣ қарор доданд. Ба гӯшаи хаёлам ҳам намеомад, ки адолатхоҳии ман ба гӯё «таҳдид ба сохти давлатдорӣ» табдил хоҳад ёфт.

Бо вуҷуди ин, пас аз таъсиси ноҳия, ман ба ҳайси корманди шуъбаи умумии кумитаи иҷроия фаъолият кардам. Вале баъдан қурбони гурӯҳбозӣ шуда, аз кор канор шудам.

Имрӯз, бо гузашти солҳо, ба он рӯзҳо менигарам ва дарк мекунам, ки ҳар лаҳзаи зиндагӣ, ҳар мубориза ва ҳар сахтӣ арзиш дошт. Зеро Сӯхро имрӯз ҳамчун як воҳиди маъмурии мустақил мебинам – орзуе, ки замоне дур менамуд, вале бо иродаи қавӣ ва талошҳои якдилона ба воқеият табдил ёфт.

Имрӯз барои мардуми ноҳияи мо рӯзи бузургест. 35 сол боз ин гӯшаи зебои Ватан, бо вуҷуди ҳама мушкилиҳо, бо азму иродаи мардуми заҳматкашу сарбаландаш рушд мекунад ва шукуфон мегардад. Сӯх – натанҳо як ноҳияи одӣ, балки як олами таърих, фарҳанг ва ифтихор аст, ки дар оғӯши Ӯзбекистони соҳибистиқлол зиндагии нав меофарад.

Бо самимияти беандоза 35-солагии ташкилёбии ноҳияро табрик мегӯем. Бигзор сулҳу оромӣ, ободӣ ва баракат ҳамеша дар хонаи ҳар як сокини он ҳукмрон бошад.

***

Садои дилреши таърих дар лаби хомӯшии рӯзгори имрӯз танин меандозад. 35 сол натанҳо шумори солҳост, балки марҳилаи ҷонкоҳи як сарзаминест, ки бо талошу иродаи мардум эҳё гардид. Вале имрӯз хомӯшист. Чӣ қадар талху дардовар аст ин сана, ки бояд бо ифтихор таҷлил мешуд, бо бетафовутӣ рӯ ба рӯ шуд.

***

Он солҳо рӯзгори сабук набуд. Ҳар саҳар бо дард бедор мешудем ва бо умед ба хоб мерафтем. Ҳар гӯшаи кӯча, ҳар санги роҳ дар худ як достон дошт. Достони мардумони бесарпаноҳ, деҳаҳои нообод ва чашмҳои норавшан.

Ман, ки шоҳиди он рӯзҳо будам, ҳар бор ба ёд оварам, дилам ба дард меояд. Ҳарчанд баъзе ҷузъиёт аз лавҳи хотир канда шудаанд, аммо як лаҳза мисли санг дар гӯшаи дил мондааст. Се-чор сол пеш, он лаҳзаро боз эҳсос кардам, вақте бо собиқ ҳокими ноҳия Мансурҷон Мамаҷонов, сӯйи хонаи устод Мирзоҷон Хӯҷамов раҳсипор шудем.

Хӯҷамов натанҳо устод, балки шоҳиди зиндаи он рӯзҳо буданд. Мо наздашон рафтем, на барои суҳбати одӣ, балки барои боз кардани гиреҳе, ки солҳо дар синаи мо баста монда буд.

Он рӯз ҳаво соф буд, аммо ҳавои дилҳо пур аз абрҳои ғуборолуд. Домулло бо ҳамон лаҳни шевои худ аз рӯзгори гузашта қисса карданд. Ҳар каломашон на сухан, балки пораи дил буд. Аз азобҳои солҳои пеш гуфтанд, аз умедҳои сӯхта, аз ободие, ки дар миёни хокистар гум шуд ва аз рӯзи рӯшане, ки бояд меомад.

Сухан ба он ҷо расид, ки Сӯх чӣ тавр дубора ноҳия шуд. Устод бо як оҳи сабук гуфтанд: Мо – ман, Ҳаётҷон, Баҳриддин ва Султонбой, ба назди раиси Шӯрои Олӣ Мирзоолим Иброҳимов рафтем. Бо худ як нома доштем.

Ман суол кардам:

– Домулло, ҳамон номаро медонед кӣ навишта буд?

Бо ҳайрат сӯи ман нигаристанд.

– Не, намедонам, кӣ навишт, аммо медонам, ки он дарди дили мардум буд.

Он лаҳза қалбам такон хӯрд.

– Ман навишта будам! – гуфтам бо лаҳни ларзон, ки дар он ҳам ифтихор буд, ҳам сӯз. – Ман номаро шабона бо дилу ҷон навиштам. 28 мушкили онвақтаи сӯхиёнро рӯйи коғаз овардам. Аз беобӣ, бебарқӣ, бебомӣ то мактабҳои валангор ва роҳҳои хароб.

107 нафар он номаро бо имзои худ мӯҳр карданд. Аввалин имзо номи Қаҳрамонмодар Ҳугминисо Раҳимова буд. Ин на як тасодуф, – як рамз буд. Қаҳрамонмодаре, ки худ чил сол пеш фарзандони ин сарзаминро ба майдони набард гусел карда буд, ҳоло бо ҳамон дасти ларзон барои ҳаёти фарзандонаш имзо мегузошт.

Қаҳрамонмодарон, иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ, зиёиён, ҷавонон, собиқадорон – ҳама он номаро имзо карда буданд.

Он нома ба Тошканд расид. Ва ҳамон нома буд, ки паси дарҳои пӯшида садо кард, дили сахтро нарм кард ва ниҳоят адолатро ба сӯхиён баргардонд.

Ин қиссаест, ки набояд фаромӯш шавад.

**Камолиддин АЗИЗОВ,**
**узви Иттиҳодияи**
**журналистони**
**Ӯзбекистон.**

*Вилояти ФАРҒОНА.*

# ПОРАШТ БОШАД МАКОНИ АҲЛИ ФАРҲАНГ

(Аввалаш дар саҳ.1).

Назди ҳавлии мактаб аз сабукрав берун омадам. Дар мактаб дарс идома дошт.

Воқеан, деҳаи Порашт яке аз деҳаҳои дорои манзараи дилфиреб, хушбоду ҳавоест, ки дар самти шимолии кӯҳистони Нурато ва ғарбии маркази ноҳияи Фориш ҷойгир аст. Поёнтар аз деҳа роҳи мошингарди Фориш – Нурато гузашта, вилоятҳои Ҷиззах ва Навоиро бо ҳам мепайвандад. Дар самти шимолии деҳа дашти Қизилкум ва Ҳайдаркӯл доман паҳн кардаанд.

Ҳангоми аз шаҳраки Боғдон ба ҷониби Нурато омадан, деҳаи Порашт нахустин деҳаи тоҷикнишин аст. Дар самти ғарбии Порашт бо фосилаҳо деҳоти тоҷикнишини Ӯхм (Ӯхум), Андиген, Моҷарм (Моҷурум), Синтаб (Сентаб), Соб (Соп), Симбулоқ, Эҷ (Каттаэҷ), Сойхурд (Кичиксой ё Кичикэҷ) ҷойгузин шудаанд. Номҳои дохили қавсҳо имрӯз дар даромадгоҳи ҳар деҳа бо ҳарфҳои калон навишта шудаанд, ҳарчанд иштибоҳ аст. Роҳгузарон деҳоти номбурдаро на бо номи таърихиаш, балки бо навиштаҷоти имрӯз мешиносанд. Замоне дар даромадгоҳи Порашт ҳам навиштаҷоти «Эски Фориш» буд. Бо ташаббуси чанде худогоҳони пораштӣ номи таърихии деҳа барқарор гардида, дар даромадгоҳи Порашт сабт ёфтааст. Кош, ин иқдоми пораштиҳоро муқимони деҳоти дигар низ пайравӣ мекарданд. Дар ин ҳолат рӯҳи аҷдод шод гардида, нур болои нур мегардид.

## Порашт чӣ маъно дорад?

– Калимаи «порашт»-ро бо маъноҳои мухталиф шарҳ медиҳанд. Порашт намо ва манзараи хушҳавою форам дорад. Истилоҳи порашт бо калимаи «форам» муродиф аст; дувум, порашт аз «Поном беморӣ пайдо шудааст. Дар кафи по ярае пайдо шуда, ҷойи он ришта-ришта мешавад, он яраро «поришта» мегуфтаанд. Дар ҳамин ҷараён аз калимаи «поришта» номи Порашт ба майдон омадааст. Ман ҷонибдори андешаи аввалӣ мебошам, – хулоса намуд омӯзгори собиқадор Мақсад Маъдиев.

Порашт дар бағали кӯҳҳо воқеъ аст. Аз ҷануб ва қисман аз шарқу ғарб кӯҳҳо иҳота намудаанд. Дар деҳа беш аз 1000 нафар аҳолӣ буду бош дорад. Онҳо асосан бо чорводорӣ ва кишоварзӣ машғул мебошанд. Солҳои 40-50-уми асри гузашта қисми зиёди аҳолӣ ба заминҳои навкорами Мирзочӯл ва вилояти Ҷиззах кӯч бастаанд. Ин анъана то ба имрӯз давом дорад. Шояд имрӯз сафи пораштиҳои берунӣ аз аҳолии деҳа чанд маротиб зиёд бошад. Онҳо дар ободгардонии даштҳои вилояти Ҷиззах, Мирзочӯл ва имрӯз дар бунёди Ӯзбекистони Нав саҳм мегузоранд.

Бобо Файзиеви пораштӣ яке аз асосгузорони ноҳияи Арнасой мебошад. Шарифбой Ғоибов чандин сол дар хоҷагии 16-уми ноҳияи Арнасой директор буд. Дар ободонӣ ва фаровонии зиндагии мардум саҳми арзанда гузоштааст. Ҳоло Раҳмон Завқиев роҳбари шуъбаи ободонии ноҳияи Пахтакори вилояти Ҷиззах аст. Пардабой Завқиев ва Амонбой Наврӯзов бошанд, чун роҳбарони соҳаҳои гуногуни хоҷагии «Нурато» пурсамар фаъолият намуда, дар рушди чорводорӣ ва таъмини зиндагии фаровони мардум саҳм гирифтаанд. Инҳо ва садҳо нафари дигар маҳз дастпарварони мактаби деҳаи Порашт мебошанд.

Пардабой Завқиев иштирокчии Ҷанги дуюми ҷаҳон буд. Аммо дар бораи фаъолияти ҷанговаронаи ӯ маводи дилхоҳ дастрас накардем. Гуфта мешавад, ки Пардабой Завқиев дар ҷанг захм гирифта, ба Ватан бармегардад ва дар ақибгоҳ фаъолияти пурсамари худро идома медиҳад. Ӯ чанд сол дар маҳаллаи «Синтаб»-и ноҳияи Нурато, ки дар ҳайати ноҳияи Фориш буд, ҳамчун раиси маҳалла, баъдан ҳамчун роҳбари Идораи маҳсулоттайёркунии ноҳия фаъолият намудааст. Ва солҳои охири ҳаёт ба ҳайси раиси Кумитаи ветеранҳои ҷанги ноҳияи Фориш кор кардааст. Байни мардум эътибор ва обрӯйи зиёд пайдо карда, як давраи муайян деҳаи Порашт номи Пардабой Завқиевро гирифта буд.

## Дар суҳбати Ҳоҷигулмомои 99-сола

*Бе пир марав, ки дар бимонӣ,*
*Ҳарчанд Сикандари замонӣ.*

Бо роҳбаладии Рамазон Комилзода ва Нурҷон Ярашев ба хонадони Ҳоҷигул Ярашева омадем. Момое, ки гирди сандалии бобоӣ дар иҳотаи фарзанду аҳли оила нишаста буд, моро бо чеҳраи кушод пазироӣ намуд. Аз чеҳраи ӯ нур меборид, нури меҳру муҳаббат. Момои Ҳоҷигул соли 1926 таваллуд ёфта, ҳоло 99-сола мебошад ва то ҳол бардаму бақувват аст.

– Ҳозир аз шаҳр омаданд, кӯфтагии роҳ ҳис мешавад. Шояд ба саволҳои шумо дар ҷавоб душворӣ кашанд, – гуфт писарашон.

Бо ин ҳама мондагии роҳ момои Ҳоҷигул бо ҳамон чеҳраи хандону лаҳни ширини тоҷикӣ суҳбати худро бо овардани шеъру байтҳо идома дод.

– Душвориҳои зиёд дошт солҳои ҷанги хонумонсӯз. Мардҳо ба ҷанг сафарбар шуданд. Мо хурду ҷавон дар ақибгоҳ ҳам ба ҷойи худ, ҳам ба ҷойи мардон меҳнат мекардем. Занҳои ҷавон, кӯдаконро дар хона гузошта, ба дарав мерафтем. Фасли тирамоҳ ба ғунучини ҳосил, ҷамъ овардани мева чун харраву алич машғул мешудем. Маҳсулоти гирдовардаро ба фронт мефиристоданд, – ёдовар шуд момо.

Момо хушбахт аст. Давраи пириро дар иҳотаи беш аз сад набераю абера ва чабераҳо идома медиҳад. Зиндагиномаи момои Ҳоҷигул сабақест имрӯзиёнро.

Дуои неки моморо гирифта, аз пайи кори худ шудем.

## Мактаби Ҷонибек чӣ ҳол дорад?

Деҳаи Порашт як мактаб, чандин дукон ва субъектҳои хидматрасонии сайёҳӣ дорад. Саҳнаи мактаб тозаву озода. Дарахтону ниҳолҳои ду самти даромадгоҳ ба пешвози фасли баҳор куртаи нав ба бар кардаанд. Ба таъбир аз чангу хок тозаву озода шудаанд. Дар пештоқи бинои мактаб «13 мактаб» навишта шудааст. Чун ворид ба толори мактаб мегардед, лавҳаи хотиравии шоир, рӯзноманигор, тарҷумон Ҷонибек Қувноқ, ки дар санги хоро ҳаккокӣ шудааст, бо ҳамон симои пуртабассум пеши чашм падидор мегардад.

Директори мактаб Сарибой Ярашевро пайдо накардам. Ӯ таъҷилан ба Ӯхм рафта будааст. Суҳбатро бо ҷонишини директор оид ба корҳои маънавию маърифатӣ Рамазон Азизов дар китобхонаи мактаб идома додем. Китобдори мактаб писари устоди шодравон, собиқ омӯзгори варзидаи забон ва адабиёти тоҷик Абдумурод Назаров – Малик Назаров будааст.

Нақл намуданд, ки мактаб соли 1928 бо даву този омӯзгор Қазоқбой Нурматов ташкил шудааст. Муаллими аввалини мактаб ҳам Қазоқбой Нурматов будааст. Дар соли 1970 бинои нави мактаб сохта мешавад. Ва дар соли 2009 аз нав бунёд мегардад.

– Имрӯз дар мактаб 196 нафар донишомӯзон таҳсил доранд, ки ба онҳо 23 нафар омӯзгор таълиму тарбия медиҳанд. Дарсҳо дар ду баст ҷараён мегиранд. Дар ҳамин ҳолат ҳам синфхонаҳо намерасанд. Дар гузаронидани маҳфил ва дигар тадбирҳо душвории доимӣ дорем. Бо вуҷуди ин, бо саъю талоши омӯзгорон ба комёбиҳои хуб ноил гардидаем,– гуфт Рамазон Азизов.

Рамазон омӯзгори фанни физика. Донишгоҳи давлатии Самарқандро хатм намудааст. Ҷавон аст. Аз суҳбат ошкор буд, ки хеле худшиносу худогоҳ ва бо раванди замон ҳамнафас. Соҳа ва пешаи худро хуб медонад. Ҳарчанд худ муқими деҳаи Ӯхм аст, аз дастовардҳои гузаштаву имрӯзаи мактаб хуб огоҳ ва аз он ҳама ифтихор дорад. Ашхосеро, ки дар боло зикрашон намудем, хуб мешиносад. Барои зинда нигоҳ доштани номи устодони марҳум, ки дар таълиму тарбияи насли наврас комёб гардида буданд, гӯшаи «Устодони марҳум»-ро ташкил кардаанд. Дар он аксҳои Ҳасанбой Эргашев, Эргашбой Азизов, Анора Азизова, Олибек Қувноқов, Нормурод Завқиев, Тағоймурод Авазбоев, Акабой Ҷумъаев, Абдумурод Назаров, Наврӯз Турдиев, Тағоймурод Авалбоев, Кӯчарбой Азизов ва Намозбой Шарифуллоев гузошта шудааст.

Аз Ҷонибек Қувноқу Қироншоҳ Шарифзода, Раҳимшоҳ Шарифзода ифтихор доранд пораштиҳо. Вақте ки мактабҳо номгузорӣ мешуд, мактаби рақами 13 ба номи Ҷонибек Қувноқ гузошта шуда буд.

Ҷонибек Қувноқ (10 ноябри соли 1941 – 6 ноябри соли 1990) яке аз симоҳои дурахшони адабиёти тоҷик мебошад. Ҳарчанд умри кӯтоҳ дид, вале аз худ нақши мондагоре гузошт. Зиндагиномаи Ҷонибек ҷавононро мактабест дар тарбия ва ташаккули адабиёт, эҳсосоти маънавию маърифатӣ, рӯзноманигориву тарҷумонӣ ва намунаи дурахшонест ба ташаккули робитаҳои дӯстиву бародарии халқҳо.

Қироншоҳ Шарифзода узви Иттиҳоди журналистони Тоҷикистон, соли 1975 пас аз хатми мактаб ба факултаи филологияи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон дохил мешавад ва онро соли 1980 бо ихтисоси филолог-журналист хатм мекунад.

Қироншоҳ Шарифзода муаллифи 5 китоб ва бештар аз 500 мақола, очерк, гузориш ва мусоҳибаҳои матбуотӣ мебошад. Китобаш «Бухорои шариф»: назаре пас аз 100 сол» (Душанбе, 2012) аз таърихи аввалин рӯзномаи форсии тоҷикӣ «Бухорои шариф» ҳикоят мекунад.

Раҳимшоҳ Шарифзодаро (бародари Қироншоҳ) аҳли фарҳанги Ӯзбекистон ҳамчун хабарнигор, мутарҷим ва рассом мешиносанд.




## Бе мураббӣ зери гардун муътабар натвон шудан...

Маҳз мақом ва хидматҳои омӯзгорон аст, ки ҷавонони пораштӣ бо фаъолияти худ ба ифтихори умум ноил гардидаанд. Имрӯз низ омӯзгорони варзидаи мактаб анъанаҳои устодонро давом дода, дар замони нав барои бунёди Ӯзбекистони Нав ҷавонони шоистаро таълиму тарбия медиҳанд. Пораштиён аз фаъолияти пурсамари омӯзгорон бо роҳнамоии Сарибой Ярашев, омӯзгори тоифаи олии фанни таърих Нурҷон Ярашев, омӯзгори тоифаи олии забон ва адабиёти тоҷик Дилбармоҳ Қурбонова, омӯзгори тарбияи ҷисмонӣ Дилмурод Шарифов, омӯзгори тоифаи якуми синфҳои ибтидоӣ Мусаввар Султонова, китобдори мактаб Малик Назаров, Ҳофиз Шарифову Рамазон Комилзода ва дигарон ифтихор доранд.

## Беҳтар аз бино бувад...

Ба хонаи омӯзгорон ворид шудам. Ҷавоне машғули мутолиа буд. Нурҷон Ярашев худро муаррифӣ кард.

– Нурҷон омӯзгори фанни таърих мебошад, – гуфт Р. Комилзода. – Дар мактаб-интернати рақами 59-уми шаҳри Самарқанд таълим гирифтааст. Соли 2017 факултаи таърихи Донишкадаи давлатии педагогии Ҷиззахро хатм намудааст. Ва ҳоло омӯзгори тоифаи олии фанни таърих мебошад.

Худ, ки тахассуси муаррихӣ дорам, ба таъбир, бо Нурҷон суҳбатамон кӯр гирифт. Зуд бо ҳам забон ёфтем. Ҳарчанд чашмони Нурҷон оҷиз буданд, ӯро чун як шахси хештаншиносу худогоҳ ва дорои хотираи қавӣ дарёфтам. Дақиқ эҳсос намудам, ки Нурҷон ҳастии худро ба таълиму тарбияи насли наврас бахшидааст. Мегӯянд, ки дар дег бошад, дар кафлес мебарояд. Аллакай заҳматҳои Нурҷон самар овардаанд. Шогирдони ӯ Марҷона Бӯриева дар факултаи таърихи Донишгоҳи миллии Ӯзбекистон, Ситора Тағоймуродова дар факултаи таърихи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тошканд ба номи Низомӣ, Рамзиддин Умаров дар факултаи таърихи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд таҳсил мегиранд. Маҳз бо ташаббуси Нурҷон ҳамкориҳо бо факултаи таърихи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Ҷиззах ва мактабҳои таҳсилоти ҳамагонии ноҳияи Фориш хуб ба роҳ монда шудааст. Аллакай дар мактаб бо иштироки олимони ин донишгоҳ ва Институти археологияи Самарқанд се маротиба конференсияҳои илмӣ-амалӣ баргузор гардидааст. Мақолаҳои олимони соҳа ва баъзе хонандагони мактаб, мақолаҳои Нурҷон Ярашев дар се маҷмӯа ба нашр расидаанд.

## Комёбиҳои муаллимаи тоҷикистонӣ

*Хишти аввал гар ниҳад меъмор каҷ,*
*То ба охир меравад девор каҷ.*

Деҳаи Порашт кӯдакистон надорад. Кӯдакон бидуни таълими томактабӣ мактаб меоянд. Ба маъное онҳо дар бораи ҷамоа, мизу курсӣ, бозиву рафтори ҷамоавӣ чист, тасаввур ҳам надоранд. Бо ҳамон бозиву рафтори хонагиву кӯчагӣ ба остонаи мактаб қадам мегузоранд. Душвор ба омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ. Омӯзгорро зарур аст, дар хонандагон рафтору гуфтори ҷамоавиро ташаккул диҳад, ба дилу дидаи ҳар як толибилм роҳ ёбад, завқу шавқи онҳоро ба дарки масъулияти ҷамоа бедор кунад, ки ҳар яке дар оилаҳои муҳиташ мухталиф тарбия гирифтаанд.

Дилбармоҳи тоҷикистонӣ аз зумраи омӯзгоронест, ки масъулияти худро дар тарбияву таълими кӯдакон хуб эҳсос дорад. Омӯзгори асил соли 1994 факултаи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро хатм намудааст.

Мегӯянд, ки «духтар санги фалахмон аст». Бо тақозои тақдир Дилбармоҳ аз Тоҷикистон ба ҷавонписари пораштӣ издивоҷ намуд. Аз соли 1997 инҷониб дар ин мактаб шуғли омӯзгорӣ дорад. Дар ин давра ӯ донишгоҳи дуюмро бо тахассуси омӯзгори синфҳои ибтидоӣ хатм намуд.

Дар синфи ӯ 20 нафар кӯдакон таҳсил доранд. 20 нафар, ки аз 20 хонадони гуногунмуҳит омадаанд, аз омӯзгор 20 намуд тарзи муносибатро тақозо мекунад. На ҳама омӯзгор ба ҳалли ин муаммо тавон дорад. Дилбармоҳ ҷунин тавонро дорад. Маҳз ҳамин маҳорату дониш буд, ки ба ҳимояи тоифаи олии омӯзгори синфҳои ибтидоӣ ноил гардидааст. Ва имрӯз байни ҷамоаи омӯзгорону толибилмони мактаб ва мардуми деҳа мақом ва мавқеи арзандаи худро пайдо кардааст. Сазовори эҳтироми ҳамагон гардидааст.

Толибилмони мактаб дар озмунҳои фанниву татбиқи «Панҷ ташаббус» ва дигар чорабиниҳо фаъол иштирок доранд. Муаттар Абдуева, ки иштирокчии озмуни ҷумҳуриявӣ буд, ҳоло донишҷӯйи Донишгоҳи давлатии Тирмиз мебошад. Самараи меҳнати омӯзгорон буд, ки имрӯз хатмкардагони мактаб Гулхан Қӯрғонова дар Донишгоҳи давлатии Самарқанд, Шакарбой Қӯрғонов дар факултаи физикаи филиали Донишгоҳи миллӣ дар Ҷиззах, Азимшер Холибеков дар бахши экологияи ДМӮ, Раъно Бахтиева дар бахши таълими томактабии ДДС, Ғанишер Мардиқулов дар Донишгоҳи аграрии Тошканд, Севара Муродова дар Донишгоҳи давлатии Тирмиз, Сокина Оқилова, Парвиз Зокиров, Ёдгор Муъминбеков, Асрор Ҳакимов ва дигарон дар донишгоҳҳои гуногуни кишвар таҳсил доранд.

Дастаи духтарони футзали мактаб дар мусобиқае, ки барои «Ҷоми Хидмати амнияти давлатӣ» дар вилояти Ҷиззах гузаронида шуд, ҷойи дуюмро ба даст оварданд. Дар ин мусобиқа толибилмон Меҳринисо Абдиева, Субҳидам Анорбоева, Фаришта Ҳусенбоева, Дилноза Тӯймуродова, Рӯзигул Ҷумъабоева, Гулсевар Қӯрғонова ва Гулсанам Ҳакимова бозии хуб нишон доданд.

Бо ташаббуси нависанда Юнуси Имомназар байни мактабҳои таълимаш тоҷикии вилоятҳои Ҷиззах ва Навоӣ пайваста маҳфили «Хирадманд» гузаронида мешавад. Дар маҳфили навбатии «Хирадманд», ки дар мактаби рақами 43-юми ноҳияи Нурато бахшида ба садсолагии рӯзномаи «Овози тоҷик» баргузор гардид, гурӯҳи толибилмони ин мактаб дар ҳайати Дилноза Янгибоева, Фараҳноз Сарибоева, Дилноза Тӯймуродова, Маҳина Миршакарова, Зулфизар Тӯймуродова ва Фархунда Ҳамробоева ғолиб омаданд.

## Мушкилот зиёд, вале додрас ку?

Ҳар ҷо, ки кор ҳаст, нуқсон низ вуҷуд дорад. Барои ҳаллу фасли баъзе муаммоҳо ҷамоаи мактаб то қадри имкон ҳаракат мекунанд. Аммо мушкилоте вуҷуд доранд, ки ҳаллу фасли онҳо танҳо аз қудратҳои болоӣ вобастагӣ дорад. Дард доранд омӯзгорон, азият мекашанд аз дер дастрас гардидани китобҳои таълимӣ ба забони модарӣ. Норизоанд аз тарҷумаи китобҳои таълимӣ ва дастуру нишондодҳои услубӣ ба забони тоҷикӣ.

– Сатҳу сифати тарҷумаҳо хеле паст аст, – мегӯяд омӯзгори тоифаи олӣ Дилбармоҳ Сатторова. – Ҷумлабандиҳо ноқисанд, аз вожаҳои бегона васеъ истифода мебаранд.

Мактаби таҳсилоти ҳамагонӣ ва ду донишгоҳро ба забони тоҷикӣ хатм намудаам. Ҳангоми супоридани тести аттестатсия дафъаи дуюм аз тестҳои тоҷикӣ даст кашидам, чунки саволҳо нодуруст тарҷума шудаанд. Маҷбур тестҳоро ба забони давлатӣ мавриди истифода қарор додам ва тоифаи олии омӯзгориро ҳимоя намудам. Мавзӯъҳои китобҳои таълимии синфҳои ибтидоӣ, ки ба фаслҳои сол бахшида шудаанд, ба барномаи таълимӣ мувофиқат намекунад. Мавзӯи фасли баҳор ба фасли сармо рост меояду фасли тобистон ба фасли баҳор. Ҳол он ки ин китобҳои таълимӣ аз ҷониби муаллифони тоҷик офарида шудаанд.

Мақсад Маъдиев низ дар бораи дурустии забони китобҳои таълимӣ ва бадеӣ мушоҳидаҳои худро иброз дошт. Гуфт, ки тарҷумаи китобҳои таълимӣ иштибоҳоти зиёди имловию мантиқӣ доранд. Забони китобҳои бадеӣ бошад, душворфаҳм аст, ки на ҳар як хонандаи одӣ маънои онро хуб дарк мекунад.

Бо вуҷуди он, ки дар мактаб муаммоҳо зиёданд, омӯзгорон тавонистаанд аз ҳама гуна имкониятҳо истифода намуда, ба муваффақиятҳои назаррас ноил гарданд. Китобхонаи мактаб дар синфхонаи хеле танг ҷойгир аст.

– Хонандагон ба китобхонӣ шавқу завқ доранд. Вале дар китобхона мувофиқи синну соли толибилмон китоб нест. Аз ҷониби муассисаҳои китобрасон боре ҳам ба мактаб китоби бадеии тоҷикӣ наомадааст. Ин сесад номгӯ китоби тоҷикиро аксаран муаллифон ва хонандагону ҳамдеҳагон тӯҳфа кардаанд. Китоби бадеии тоҷикӣ барои хонандагони хурдсол тақрибан вуҷуд надорад, яъне дар мактаб вазъи таъмини толибилмон бо китобҳои бадеӣ мутобиқи синнусол ногувор аст, – мегӯяд китобдори мактаб Малик Назаров.

– Бинои мактаб, ки дар соли 2009 сохта шудааст, ба талаботи имрӯз ҷавобгӯ нест. Синфхонаҳо хурд, шумораи хонаҳо хеле кам. Ҳарчанд дарсҳо дар ду баст аст, барои гузаронидани маҳфилу дигар чорабиниҳо имконият кам, – гуфт Рамазон Комилзода.

Мактаб бо оби ошомиданӣ таъмин нест. Толори варзишӣ ва ошхона низ надорад. Бунгоҳи тиббии деҳа кор намекунад, ҳарчанд бинои тиббӣ вуҷуд дораду асбобу анҷоми тиббӣ дорад... Муаммоҳо зиёд, вале додрас ку?!

**Матолиби саҳифаро хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Ҷиззах Ӯзбакбойи РАҲМОН ба чоп омода кардааст.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши,
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-328.
Адади нашр 3710. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Муҳаррири навбатдор:
С. Бекназарова.
Саҳифабанд-дизайнер:
Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 00.40

Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.